ВАҲДАТ - ҲАСТИИ МИЛЛАТ

*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** №3 (10) 3-ЮМИ ИЮНИ СОЛИ 2014, СЕШАНБЕ




## Ҳуқуқу озодиҳои инсон - арзиши олии ҷомеаи ҳуқуқбунёд

Конститутсияи (Сарқонуни) навэҷоди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон 20 сола шуд. Ин санади муқаддасу сарнавиштсоз ифодагари азму иродаи мардум буда, роҳи минбаъдаи рушду такомули ҷомеаи моро муайян намуд. Сарқонун ба сифати ҳуҷҷати олии қувваи ҳуқуқӣ дошта, заминаҳои қонунии пешрафти ҷомеаро муайян менамояд ва барои қабули қонунҳои нав ва ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятии мухталиф асосҳои ҳуқуқӣ фароҳам меоварад...

САҲ. 4

## АНДЕШАҲОИ МУАРРИХОН ВА БУЗУРГОНИ ИЛМ ДАР БОРАИ КУРУШИ КАБИР



Ҳудуди давлати ориёиҳо дар замони Куруши Кабир дар Ғарб гулӯгоҳи Дарданел, дарёи Мағриб, дар Шарқ рӯдҳои Синду Сир, дар Шимол дарёи Гургон, кӯҳҳои Қафқоз ва дар Ҷануб халиҷи Порс ва нимҷазираи Арабистонро фаро мегирифт. Ин аввалин империяи ҷаҳонӣ ба шумор меравад, ки онро Куруш бунёд гузошта буд, дар ҳоле ки ҳеҷ ҳукуматдоре пеш аз Куруш давлате бо чунин паҳноварӣ ва камхунрезие таъсис карда натавониста буд.

САҲ. 7

## Зарурати омӯзиши ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо дар мактабҳои олии ҶТ

Яке аз руйдодҳои муҳимми нимаи дуюми асри XX ин ҳамгироии иқтисодии давлатҳои Аврупо мебошад. Бо ба имзо расидани шартнома дар бораи Ҷомеаи аврупоии саноатчиёну ангишту пӯлод аз ҷониби давлатҳои Белгия, Италия, Люксембург, Нидерландия, Фаронса ва ҶФО соли 1950 заминаи аввал барои ҳамгироии иқтисодии давлатҳои Аврупо гузошта шуд. Соли 1957 аз ҷониби давлатҳои номбаршуда шартнома дар бораи Ҷомеаи аврупоӣ оид ба энергияи атомӣ ва шартномаи Ҷомеаи иқтисодии Аврупо ба имзо расид, ки марҳилаи дувуми ҳамгироии давлатҳои Аврупо ва фарогири тамоми ҷанбаҳои иқтисодии ҳамкориҳо мебошад.



САҲ. 5

## МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ

Ҷомеаи муосир, дар заминаи рушди ақлонии инсоният ташаккул ва ба камол расидааст. Аз ин лиҳоз, аҳамияти дастовардҳо ва маҳсули фаъолияти зеҳнию эҷодии инсон барои ҷомеаи инсонӣ назаррас буда, бидуни он инсони муосир соҳиби ҳастии имрӯзаи худ намегардид. Чунин аст, ки маҳсули ақлу хиради эҷодкор дар ҳама давру замонҳо бо тарзҳои гуногун, эҳтиром ва қадрдонӣ карда мешуд. Алалхусус, аз асри XVIII инҷониб, ки шакли меъёрӣ-ҳуқуқии ҳимояи натиҷаи фаъолияти зеҳнию эҷодӣ ташаккул ёфтааст, бештар мавриди таваҷҷуҳ аст. Чунки дар ҳамин давра кишварҳои пешсафи Аврупо аввалин қонунҳои таъминкунандаи ҳимояи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнию эҷодиро қабул намудаанд.

САҲ. 2

## Маскуннамоӣ дар Тоҷикистон: баррасии масъала ва роҳи ҳалли он

Дар замони ҳозира яке аз масъалаҳои мубраме, ки дар кишвар арзи вуҷуд дорад, ин масъалаи маскуннамоӣ мебошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯзҳо дар асоси санади дахлдори судӣ дар ҷараёни баррасии масъалаи бекор намудани ақди никоҳ, масъалаи маскун намудани ҳамсари собиқи соҳибмулки манзили истиқоматӣ бо фарзандони ноболиғ баррасӣ карда шуда, бештар бахри ҳимоя намудани манфиатҳои ҳамсари собиқ ва фарзандони ноболиғ, суд онҳоро бо дастрасии моддаи 45-и Кодекси манзили ҶТ ба сифати аъзои оилаи молик эътироф карда, дар ҳуҷраи алоҳидаи манзили истиқоматии соҳибмулк, бо ҳуқуқи истифодабарии дигар қисматҳои манзил, маскун менамояд...

САҲ. 4-5

# НАҚШИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ ДАР ҶОМЕА



"Инсони нобиға (гений) сарчашмаи ҳамагуна эҷодиёти санъат ва ихтироот аст. Ин эҷодиёт кафолати зиндагии шоистаи инсон ба ҳисоб меравад. Вазифаи давлат-ҳифзи боэътимоди ҳамаи намудҳои санъат ва ихтироот аст".

Ин навиштаҷот дар гунбази қароргоҳи Ташкилоти умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ дар Женева ҷойгир аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ роҳи бунёд ва фароҳам овардани ҷомеаи навини демократӣ, ки шароити мувофиқи амалигардонии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрвандро таъмин намояд, пеш гирифтааст. Вобаста ба ин, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти халқ дар мамлакат ислоҳоти зиёде гузаронида, баҳри амалӣ намудани он ҳадафу мақсадҳое, ки Тоҷикистони соҳибихтиёр дар назди худ гузоштааст, ҳуҷҷати сарнавиштсози худ, яъне Сарқонунро соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул намуд. Дар Сарқонуни амалкунанда аввалин маротиба падидаҳои муҳими демократӣ ба монанди: давлати ҳуқуқбунёд, волоияти Конститутсия, арзиши олӣ эътироф гардидани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ, гуногуншаклии моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, моликияти зеҳнӣ ва монанди инҳо дарҷ гардидаанд.

Истилоҳи "моликияти зеҳнӣ" ба қонунгузории ҶТ бори аввал ба Сарқонуни ҶТ 6 ноябри соли 1994 ворид гардид. Моддаи 40 Сарқонуни мо эълон намудааст, ки "Моликияти зеҳнӣ дар ҳимояи қонун аст". Ҷиҳати инкишофи ин муқаррароти конститутсионӣ дар Кодекси граждании ҶТ (қ. 3) фасли алоҳида-фасли V ба мавзӯи моликияти зеҳнӣ бахшида шудааст, инчунин як қатор қонунҳое, ки тартиби ҳифзи ҳуқуқии объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳниро муайян мекунанд, қабул шудаанд.

Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ падидаи мураккаби илми ҳуқуқшиносии муосир маҳсуб ёфта, тавассути он муносибатҳои ҷамъиятие ба танзим дароварда мешавад, ки ба раванди инкишофи пешрафти илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунад. Инкишофи илму техника яке аз сабабҳои асосии пешравии ҷомеа, баланд шудани обрӯю эътибори давлат, афзудани маҳсулнокии меҳнат, арзону хушсифат гаштани маҳсулот ва таъмин намудани бехатарии раванди меҳнат мебошад. Пешрафту инкишофи ҷомеаро бе ин муносибатҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҷомеаи муосир, дар заминаи рушди ақлонии инсоният ташаккул ва ба камол расидааст. Аз ин лиҳоз, аҳамияти дастовардҳо ва маҳсули фаъолияти зеҳнию эҷодии инсон барои ҷомеаи инсонӣ назаррас буда, бидуни он инсони муосир соҳиби ҳастии имрӯзаи худ намегардид. Чунин аст, ки маҳсули ақлу хиради эҷодкор дар ҳама давру замонҳо бо тарзҳои гуногун, эҳтиром ва қадрдонӣ карда мешуд. Алалхусус, аз асри XVIII инҷониб, ки шакли меъёрӣ-ҳуқуқии ҳимояи натиҷаи фаъолияти зеҳнию эҷодӣ ташаккул ёфтааст, бештар мавриди таваҷҷуҳ аст. Чунки дар ҳамин давра кишварҳои пешсафи Аврупо аввалин қонунҳои таъминкунандаи ҳимояи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнию эҷодиро қабул намуданд. Маҳз дар ҳамин давра ҳамоҳангсозии фаъолияти давлатҳо дар ин самт равнақ ёфт. Ҳарчанд андешаҳо атрофи шакли ҳимояи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнию эҷодӣ гуногун буданд, назарияи "моликияти зеҳнӣ" ҷонибдорони бештарро пайдо намуда, дар сатҳи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ мустаҳкам гардид. Бинобар ин, имрӯз ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнию эҷодии инсон"моликияти зеҳнӣ" пазируфта шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки фаъолияти зеҳнӣ аз замоне, ки инсон ҳамчун мавҷудоти бошуур пайдо шудааст, мавҷуд аст. Аммо истифодаи натиҷаи моликияти зеҳнӣ дар муомилоти иқтисодӣ ба охирҳои асри XVIII рост меояд. Яъне ба шакли объект гардонидани он ба тариқи васеъ ба ин аср рост меояд.

Моликияти зеҳнӣ ба натиҷаи фаъолияти зеҳнии одам алоқаи ногусастанӣ дорад. Фаъолияти зеҳнии инсон ва ҳифзи он аз тарафи давлат бо ҳам алоқаманди зич доранд. Чи тавре ки В. А. Дзортсов қайд кардааст, "натиҷаи зеҳнӣ қиёфаи шахсии муаллиф аст".

Моликияти зеҳнӣ, офаридаи зеҳну тафаккури инсон, маҳсули кори эҷодии вай аст. Натиҷаи фаъолияти зеҳнии инсон дар шакли дониши нав ва иттилоот нав зоҳир мешавад. Донишу иттилоот бошад, дар ҳама давру замон яке аз омилҳои ба даст овардан ва зиёд кардани сармоя буданд. Соҳиби донишу иттилооти нав то он даме, ки ин дониш дастраси дигарон намегардид, афзалиятҳои назаррас дошт. Иттилооти нав на танҳо барои соҳибаш, балки барои ҷамъият низ арзиш дорад, зеро ҷомеае, ки соҳиби иттилооти нав аст, нисбат ба ҷомеаҳои дигар одамон бартарият дорад. Маҳз ҳамин манфиатмандии ҷамъият дар ҳосил намудан ва истифодабарии донишҳои нав ба ҷустуҷӯи роҳҳои дигари ҳимояи донишу иттилооте, ки натиҷаи фаъолияти зеҳнии шахсияти алоҳидаи эҷодкор аст, такон бахшид. Ва тадриҷан дар низоми идоракунии давлатҳо қонуну қоидаҳое пайдо шуданд, ки бар ивази ифшо намудани донишу иттилооти бадастовардаи шахси эҷодкор ба ӯ на танҳо ҳуқуқу имтиёзҳои истисноӣ медоданд, балки маҳсули эҷодии ӯро аз истифодаи беиҷозати шахсони сеюм ҳимоя мекарданд. Бинобар ҳамин дастовардҳои зеҳнӣ дар ҳама давру замон асоси ташкил ва ривоҷи дигар намудҳои сармоя буд ва хоҳад монд.

Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, дар замони муосир ташаккул ёфтааст, ки аз нуқтаи назари олимон дар худ якчанд падидаҳои ҳуқуқи гражданиро фарогир аст, ба монанди: ҳуқуқи муаллифӣ; ҳуқуқҳои вобаста, патентӣ, дастовардҳои селексионӣ, топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ, сирри хизматӣ ё тиҷоратӣ (ноу-хау), воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, мол, кор ва хизматрасонӣ (номи фирмавӣ, тамғаи молӣ ва хизматрасонӣ, номи маҳалли истеҳсоли мол ва нишондоди истеҳсолӣ) ва ғайраро дарбар мегирад. Умуман моликияти зеҳнӣ дар замони нав мураккаб гардидааст, ки зарурати ба самъи омма расонидани моҳияти он, инчунин тадриси касбии он аҳамияти муҳим дорад. Аз ин лиҳоз, дар давраи инкишофу пешрафти ҷомеа моро зарур аст, ки баҳри равнақ додани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ камари ҳиммат баста, дар якҷоягӣ ба пешрафти "ВАТАНИ АЗИЗАМОН" саъю кӯшиш намоем.

**Раҳимзода Хурсанд**
*донишҷӯи курси 5-уми факултети ҳуқуқшиносӣ*

# Занон таҳти ғамхории давлатанд

Дар ҷомеаи мо имрӯз категорияи зиёди одамоне ҳастанд, ки ба ҳимояи ҳуқуқи хеш эҳтиёҷманданд, ба ин категорияи одамон занон низ дохил мешаванд. Занон тӯли солҳои зиёд аст, ки барои ба даст овардани ҳуқуқҳои худ мубориза бурда истодаанд. Дар ин масъала байни олимон аз замонҳои хеле қадим то имрӯз гуногунандешӣ ҷой дорад. Қисме аз олимон бар он ақидаанд, ки "зан ин модар аст ва бо сабаби камбудии муайяни сифат, хислати занона аз танозули табиат азоб мекашад". Пифагор дар навбати худ қайд менамоянд, ки "тартибот, рӯшноӣ мардро офаридааст ва принсипи манфӣ, ки бесарусомонӣ, нимторикист занро офаридааст". Тасвирҳои рӯи санги дар ғорҳо ва миқдори зиёди бозёфтҳо, муҷасамаҳои занон дар ибодатгоҳҳои қадим шаҳодати он аст, ки зан низ чун субект дорои ҳуқуқу озодиҳо буд.

Китоби муқаддаси Қуръон дар масъалаи ҳимояи манфиатҳои иқтисодии занон дар ду тағйироти инқилобӣ ворид намуд. Замоне, ки қавмҳои араб дар аҳди ҷоҳилия зиндагӣ мекарданд, урфу одатҳои сангин ҳукмфармо буда, занҳо дар ҳолатҳои бади зиндагӣ қарор доштанд, Қуръон занро аз олами нестӣ ба олами ҳастӣ берун оварда аз объекти муносибатҳои ҷамъиятӣ ба субъекти комилҳуқуқ мубаддал гардонд. Пайғамбари ислом бо меъёрҳои ҳуқуқӣ одатҳои сангини ҷоҳилияро, аз қабили: зинда гӯронидани духтарон, тариқи ашё ба мерос гузоштани занҳо, ҷанг намудан бар зидди бехудоён ва бисёрхудоёни ҷоҳил, ки занро дар зиндони асорат ва беҳуқуқӣ нигоҳ доштан мехостанд, мубориза оштинопазиро оғоз намуд. Ҳуқуқ ба моликият ва меросро бар занон эълон намуд. Мувофиқи одати ҷоҳилия ҳар марде, ки бар китфи бевазан ҷома мепартофт, он зан ҳамчун ашё бо мард дода мешуд. Абулфатҳ ривоят мекунад, ки Авс бини Собити Ансорӣ вафот ёфт, аз ӯ як зан, ду духтар ва ду писари амма боқӣ монданд. Писарони амма тамоми амволи Собитро ба пурагӣ гирифтанд (ба тариқи мерос), чизе ба зан ва духтарон надоданд, зеро дар ҷоҳилия одат ҳамин буд, ки занон ва кӯдакон аз мерос маҳрум буданд. Он зан бо ду духтар гирякунон ба назди Расули акрам (с) рафтанд ва аз воқеият ӯро огоҳ карданд ва гуфтанд, ки моро чизе нест, мо се нафар бе ягон ризқу рӯзӣ мондем. Ҳамаи молу пулро ду писари амаки шавҳари маҳрумам гирифтанд. Пас аз нолаву зории зан, ривоят мекунанд, ки сураи Нисо ояти 7 нозил шуд: "Аз ҳар чӣ падару модар ва хешовандон ба ирс (мерос) мегузоранд, мардонро носибест ва аз он чӣ падару модар ва хешовандон ба ирс мегузоранд чӣ андак ва чӣ бисёр занонро насибест".

Зиёда аз 30 меъёрҳои ҳуқуқии Қуръони Карим ба ҳуқуқи зан тааллуқ дорад. Инчунин, ҳадисҳои Паёмбар низ дар инкишофи ҳуқуқи занон саҳми назаррас доранд, чунончӣ: "Хушнудии Худо дар хушнудии зан аст", "Биҳишт зери қудуми модарон аст", "Ҳуқуқи зан муқаддас аст", "Ҳурмату эҳтироми зан воҷиб аст", "Талаби илм ба ҳар муъмин ва муъмина фарз аст".

Ҳадисҳои паёмбар занонро барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ масъул менамоянд. Дар ҳадисе гуфта шудааст, ки уҳдадории шавҳар нисбати зан чунин аст: "Ҳангоми таом хӯрдан, ба зан ҳам хӯронад, ҳангоми либос пӯшидан, ба зан ҳам пӯшонад, ба рӯйи зан назанад, заношро танбеҳ накунад". Меъёрҳои исломӣ мақому манзалат ва ҳурмату эҳтироми занро аз ҳама боло гузоштааст. Ислом бо меъёрҳои ахлоқӣ такя намуда, ҳамаро бо роҳи баробарӣ, адолат, инсондӯстӣ ва ҳурмату эҳтиром нисбати зан даъват менамояд.

Созмони Миллали Мутаҳид, ки барои ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ташкил карда шудааст, дар масъалаи ҳимояи ҳуқуқи занон низ бетараф нест. Яке аз аввалин санадҳое, ки ин ташкилоти бонуфуз дар масъалаи ҳимояи ҳуқуқи занон қабул намудааст, ин Конвенсия оид ба рафъи тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон мебошад, ки 18-уми декабри соли 1979 қабул шудааст ва барои дар амал татбиқ намудани меъёрҳои ин санад СММ мақомот бо номи Кумитаи бартарафсозии табъиз нисбати занонро соли 1982 таъсис дод. ҶТ, ки чун давлати ҷавону демократӣ дар арсаи байналмилалӣ шинохта шудааст, узви комилҳуқуқи СММ буда, санади дар боло зикршударо аз 26 июни соли 1993 тасдиқ кардааст. Он барои ҷумҳурӣ аз 25 ноябри соли 1993 ҳукми амал пайдо кард. Ватани азизи мо баробарии ҳуқуқҳои мардон ва занонро эътироф намуда, онҳоро дар як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар Сарқонуни кишвар тасдиқ намудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 17-и он омадааст: "Мардон ва занон баробарҳуқуқанд". Дар моддаи 34-ум ғамхории давлат нисбати модар ва фарзандаш пешбинӣ шудааст. Дар моддаи 35-ум бошад, озодии интихоби касбро пешбинӣ намуда, дар корҳои вазнини зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи кори занонро маън намудааст.

Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҶТ нисбати мо - занҳо масъулият бар дӯш дошта, ғамхорӣ намуда истодааст. Дастгирии давлатӣ буд, ки ман тавассути квотаи президентӣ ба факултети ҳуқуқшиносӣ дохил шудам ва айни ҳол сарбаландона таҳсил намуда истодам. Хуб мешуд, ки ҳамин гуна ғамхориҳо ва имтиёзҳои иловагӣ аз тарафи давлат нисбати занон зиёдтар мегардид.



**Ҳоҷизода З.Ҳ.**
*донишҷӯйи курси 4-уми факултети ҳуқуқшиносӣ*

# Кросс-культурный диалог в традициях Запада и Востока



***М.Т. Бабаева***
***доцент кафедры иностранных языков юридического факультета ДМТ***

В условиях растущей глобализации и расширения границ диалога культур лингвистические основы межкультурной коммуникации, включающие языковую картину мира, а также механизмы и способы организации дискурса, становятся определяющим фактором изучения коммуникативной деятельности, так как позволяют учитывать одновременно человеческий фактор и смысловое содержание деятельности общения.

Широкая трактовка лингвистических основ процесса коммуникации была характерна для ученых, видевших в лингвистике не только науку о системе языка, но и сферу исследований, рассматривающих язык как психологический, социально-культурный и семиотический феномен. При этом многие из них опирались на данные ряда смежных наук. Так, Р. Якобсон полагал, что исследование коммуникации должно вестись в рамках таких пересекающихся направлений, как социолингвистика, социальная антропология вместе с экономикой, этнолингвистика, семиотика.

Сходной точки зрения придерживался Г.В. Колшанский, рассматривавший коммуникацию как проявление существования индивидуально-общественного сознания в языке. Согласно утвердившейся точке зрения, процесс межкультурной коммуникации в отличие от обычной коммуникации, характеризуется принадлежностью коммуникантов к разным культурам. Культурные различия в моделях общения и поведения, ценностях и убеждениях вызывают вероятность ошибок в восприятии того или иного сообщения, иными словами - коммуникативных неудач.

Последние годы внесли существенные перемены и подходы к диалогу Востока и Запада, в частности, в области деловой культуры.

Как известно, до недавнего времени взаимодействия западных и восточных культур было чрезмерно идеологизировано. На первый план был выдвинут аспект идейной конфронтации между миром социализма и капиталистическим Западом, считавшимся чуть ли не синонимом реакционности. Вместе с тем, современное развитие многих национальных культур убеждают, что культурные ценности взаимодействуют и взаимообогащают друг друга. Кросс-культурные проблемы стали для современного общества жизненно значимыми.

Политикам, дипломатам, бизнесменам, представителям самых разных профессий приходится все чаще взаимодействовать со своими коллегами в других странах. Республика Таджикистан налаживает связи с многочисленными международными институтами и организациями, зарубежными компаниями, организует совместные предприятия. Для Республики Таджикистан является важным дальнейшее укрепление культурных отношений с множеством государств не только ближнего, но и дальнего зарубежья. Для того, чтобы провести интеллектуальный мост между Востоком и Западом необходимо научиться кросс-диалогу. Общеизвестно, что коммуникативный акт предполагает взаимодействие двух или более индивидов, каждый из которых привносит в ситуацию общения свои психокультурные особенности, личный опыт, индивидуальную картину мира. При этом важно помнить, что культура, с одной стороны, определяет формирование индивидуальной картины мира и индивидуальных моделей поведения (в том числе коммуникативного), а с другой стороны, степень влияния родной культуры на ее представителя может быть различной, и это зависит от многих факторов. Взаимодействие культуры и индивида обычно рассматривается через сопоставление различных типов идентичности.

Традиционно выделяют несколько типов идентичности: культурную, этническую, языковую, гендерную, профессиональную, личную и др. Это разделение необходимо и в то же время достаточно условно. Личная идентичность формируется в первую очередь под влиянием культуры.

При этом культурная идентичность понимается как самоотождествление с определенной культурой, с принятыми в данной культуре формами и нормами поведения, с культурной картиной мира. Каждый индивид, осознающий себя членом культурного сообщества, является носителем его культурного наследия. Границы между культурной, языковой и этнической принадлежностью могут быть размыты в поликультурном обществе (например, в России), в условиях массовой иммиграции (например, в США), в ситуации многоязычия (например, в Швейцарии). При этом чувство принадлежности к своей этнической общности обычно имеет особую ценность для индивида и особую эмоциональную окраску.

Поведение членов любой культурной группы почти полностью зависит от истории народа, которому принадлежит данная группа населения. Что касается немецкой народности и немецкого языка, то они сформировались в эпоху раннего средневековья, в V-XI веках, из близкородственных западно-германских племен (франки, алеманы, бавары, хатты, туринги); язык немецкой народности развивался из племенных языков западно-германских племен, населявших восточные области Франского государства. Решающим событием в процессе становления немецкой народности явилось разделение в середине IX века франкской империи Каролингов на три феодальных государства как самостоятельного политического образования.

Основными характеристиками немецкой деловой культуры в современном мире являются - стремление завершить одну работу, прежде чем перейти к другой; сильная убежденность немцев в том, что они на переговорах ведут себя честно и прямо; склонность к резкости и открытому выражению своего несогласия, а не к любезностям и дипломатии. Немцы питают огромное уважение к имуществу и собственности. На немцев не производят впечатления яркая реклама, ловкие лозунги и др. Брошюры, предназначенные для немцев, должны быть подробными и содержать серьёзную фактическую информацию и заявления, которые впоследствии могут быть полностью подтверждены. Они обладают собственным, особым стилем проведения протокольных встреч, а именно, дисциплинированы, хорошо информированы, приводят логические аргументы, сегментируют свои аргументы (каждый по своей специальности).

Обращаться к представителям немецкой национальности следует только по фамилии, и демонстрировать уважение к званиям. Следует иметь в виду, что во время переговоров они не прибегают к юмору и шуткам, тщательно записывают свои замечания, обладают хорошими способностями и языкам - (особенно к английскому и французскому), но часто страдают от незнания иностранных культур, не принимают "молниеносных" решений.

Немцы обладают также такими качествами как законопослушность, пунктуальность (время играет центральную роль в немецкой культуре). Дистанция комфорта в Германии равна примерно 1,2 метра (нетактильная культура), граждане Германии конфиденциальны и считают, что миром правит "Ordnung" - порядок.

В деловой обстановке немецкий язык лишен юмора, а его жесткая система окончаний и строгий порядок слов мешают говорящему легко думать вслух. Характеризующийся малым количеством омонима (в отличие от английского, например) и прозрачной словообразовательной системой, этот язык подходит для отдачи четких приказаний и решительных действий. Das Umweltstrafrecht mit seinen Straftatbest?nden im Strafgesetzbuch, aber auch in einzelnen Umweltgesetzen, und mit seinen Ordnungswidrigkeitengesetz und in den Ordnungswidrigkeitenkatalogen der Umveltgesetze ist als letztes Mittel anzusehen, um die Einhaltung umweltpfleglicher Rechtsvorschriften zu bewirken. Почти постоянное употребление местоимения Вы (Sie) в деловых документах совпадает с ожиданием подчинения и. таким образом, усиливает статусный характер коммуникации из этого следует, что немецкий язык -это язык благозвучащий для четко- построенных предложений, фраз. В своем фонетическом строе он оказался доступным для перевода классических персидских призведений. Уже в XIX веке Гете выдвинул концепсию всемирной литературы. Восточно- западный синтез у писателей Европы представлен достаточно широко. Это выдающиеся деятели немецкой культуры: Бертольд Брехт, Герман Гессе, Томас Манн и, конечно же, сам Гёте, прекрасно переводивший великих персидских поэтов, таких Фирдоуси, Джами, Хафиз, Хайям и др.

Таким образом, культурная и индувидуальная идентификация, осознание своей культурной уникальности, оказываются невозможными без наличия или построения в качестве мыслимого пространства иной культуры. Язык, являясь не только средством познания окружающего мира, но и средством массовой информации, определяет характер, содержание коммуникации и вместе с ней культуры.

Культурологический аспект межъязыковой коммуникации в современном мире базируется не только на понятии культуры как совокупности и общности культурных ценностей народа, но в значительной мере включает изучение, описание и интерпретацию национальных традиций носителей языка, способов и формы общения, специфики поведения, мышления и восприятия окружающей действительности.



# Маскуннамоӣ дар Тоҷикистон:



**Сулаймонов Ф.С. - номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

Дар замони ҳозира яке аз масъалаҳои мубраме, ки дар кишвар арзи вуҷуд дорад, ин масъалаи маскуннамоӣ мебошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯзҳо дар асоси санади дахлдори судӣ дар ҷараёни баррасии масъалаи бекор намудани ақди никоҳ масъалаи маскун намудани ҳамсари собиқи соҳибмулки манзили истиқоматӣ бо фарзандони ноболиғ баррасӣ карда шуда, бештар бахри ҳимоя намудани манфиатҳои ҳамсари собиқ ва фарзандони ноболиғ, суд онҳоро бо дастрасии моддаи 45-и Кодекси манзили ҶТ (минбаъд - КМ) ба сифати аъзои оилаи молик эътироф карда, дар ҳуҷраи алоҳидаи манзили истиқоматии соҳибмулк бо ҳуқуқи истифодабарӣ намудани дигар қисматҳои манзил, маскун менамояд.

Дар ин асно, як қатор саволҳое ба миён меоянд, ки аз лиҳози назариявӣ бояд ба онҳо посух дод, зеро масъалаи маскуннамоӣ дар кишвар авҷ гирифта, дар заминаи он як қатор масъалаҳои дигар ба миён омада истодаанд. Аз ҷумла, дар ҳолати маскун намудани собиқ ҳамсар дар манзили истиқоматии соҳибмулк - ҳамсари дигар, оё ҳуқуқҳои соҳибмулк маҳдуд карда намешаванд? Оё дар ҳолати ба ҳуҷраи ҷудошуда дар ҳолатҳои дахлдор (масалан, сӯхтор) ворид шудани худи соҳибмулк ва ё дигар аъзоёни оилаи ӯ, метавон гуфт, ки дар ин ҳолат аз ҷониби соҳибмулк ва ё аъзоёни оилаи ӯ дахлнопазирии манзили шахси маскуншуда вайрон карда шудааст? Худ шахси маскуншуда дар асоси кадом ҳуқуқ аз ҳуҷраи ҷудошуда истифода менамояд? Дар ҳолати бегона намудани манзил аз ҷониби соҳибмулк, оё ҳуқуқҳои шахси маскуншуда ба ҳуҷраи ҷудошуда нигоҳ дошта мешаванд?). Бо ин саволҳо, ки тамоми саволҳо оид ба масъалаи мазкурро дар бар намегиранд, бояд посух пешниҳод намуд, то ки муносибатҳои дахлдор ба таври дуруст ва асоснок ба танзим дароварда шуда, манфиатҳои субъектон поймол карда нашаванд. Инчунин, бояд қайд намуд, ки масъалаи мазкур мубрам буда, халли онро бояд, пеш аз ҳама, аз лиҳози назариявӣ баррасӣ намуд ва бахри танзими ин муносибатҳо ва ҳифзи хуқуқҳои субъективии иштирокиёни ин муносибатҳои ҷамъиятӣ ба қонунгузории ҷории ҶТ, дар ҳолати зарурият, тағйироту иловаҳои дахлдор бояд ворид кард.

Мусаллам аст, ки яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар шаҳрванд ин ҳуқуқ ба манзил мебошад ва бахри таъмин намудани ҳаёти дахлдор равона карда мешавад. Моҳияти ҳуқуқ ба манзил дар он ифода карда мешавад, ки аз ҷониби давлат ба ҳар як шаҳрванд шароити дахлдор баҳри амалӣ намудани имконияти дорои манзил будан, тариқи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва инфиродӣ (шахсӣ) ва ҳифзи он татбиқ мегардад (м.1-и КМ). Инчунин, ҳуқуқ ба манзил бо василаи эътирофи ин гуна манзил ба сифати объекти ҳуқуқҳои граждании ва ба амал баровардани аҳдҳои граждани-ҳуқуқӣ бо он амалӣ карда мешавад. Пас, маълум мегардад, ки манзили истиқоматӣ ба сифати моликияти хусусии ҳар як шаҳрванд эътироф карда шуда, он мутобиқи Сарқонуни ҶТ (м.12) ва дигар қонунҳои ҷорӣ мавриди танзим ва ҳимоя қарор мегирад.

Моликияти хусусӣ ба сифати яке аз шаклҳои моликият, бо роҳи эътирофи ҳуқуқи моликият ба объектҳои дахлдори он, аз ҷумла ба манзили истиқоматӣ, мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода мешавад. Аммо, мутаассифона, на ҳамаи субъектон дар моликияти хусусии худ манзили истиқоматиро доро буда, манфиатҳои худро вобаста ба манзил бо истифодаи манзиле, ки ба дигар субъектон тааллуқ дорад (падару модар, бародар ва ғайраҳо) ва ё роҳи иҷора гирифтани манзил қонеъ менамоянд. Дар ин асно бояд таъкид намуд, ки ҳуқуқи истифодаро аз манзили истиқоматӣ на танҳо худи соҳибмулк, балки аъзои оилаи ӯ низ доро мебошанд (м.45 ва м.46-и КМ). Вале, азбаски дар ҳаёти оилавӣ пастию баландиҳои гуногун рӯй медиҳанд ва дар бештари ҳолатҳо на ҳамаи аъзоёни оила ин пастию баландиро паси сар карда метавонанд, бо ин сабаб оила барҳам хӯрда, ақди никоҳ тариқи тартиботи муқарраркардаи қонун бекор карда мешавад. Вобаста ба ин, собиқ ҳамсари соҳибмулки манзил, ки то мавҷуд будани ақди никоҳ ба сифати аъзои оилаи ӯ эътироф карда мешуд ва аз манзили истиқоматӣ пурра истифода мебурд, акнун ба сифати аъзои оилаи ӯ эътироф карда намешавад ва асоси хуқуқии истифодаи манзили истиқоматӣ низ бо бекор намудани ақди никоҳ аз байн рафт. Лекин, фарзандони ноболиғ ва ҳамсари соҳибмулки манзил низ ба сифати шаҳрвандони кишвар эътироф карда мешаванд ва манфиатҳои онҳо вобаста ба истифода аз манзили истикоматӣ бояд то андозае қонеъ карда шаванд. Ин асос шуд, ки масъалаи маскуншавӣ ба миён ояд, аммо бояд қайд кард, ки ин гуна "институт" дар қонунгузории ҷорӣ умуман дарҷ карда нашудааст ва ин гуна ҳолат набояд қаноатбахш эътироф карда шавад.

Масъалаи мазкур дар қонунгузории кишварҳои дигар ба таври дахлдор танзим шуда, дар таҷриба ягон мушкилиро пеш намеорад.

# Ҳуқуқу озодиҳои инсон - арзиши олии ҷомеаи ҳуқуқбунёд



***Давлатов Ф.Т.* муовини директори Маркази такмили ихтисоси кормандони Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Конститутсияи (Сарқонуни) навэҷоди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон 20 - сола шуд. Ин санади муқаддасу сарнавиштсоз ифодагари азму иродаи мардум буда, роҳи минбаъдаи рушду такомули ҷомеаи моро муайян намуд. Сарқонун ба сифати ҳуҷҷати олии қувваи ҳуқуқӣ дошта, заминаҳои қонунии пешрафти ҷомеаро муайян намуда, барои қабули қонунҳои нав ва ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятии мухталиф асосҳои ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Дар Сарқонуни ҶТ заминаҳои ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли тоҷикон, дахлнопазирии ҳудуди кишвар, шакли давлатдорӣ, моҳият ва вазифаҳои давлат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, ҳимояи ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ, забони давлатӣ, рамзҳои давлатӣ, ҳадафҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, асосҳои иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангии давлат ва ҷомеа эълон шудаанд. Ифода гардидани халқ ҳамчун сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ аз демократӣ будани Сарқонуни ҶТ дарак медиҳад.

Қонуни асосии кишвар чун сарчашмаи меҳварӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро мавриди баҳрабардорӣ пешниҳод намудааст. Аввалин маротиба дар таърихи таълифи қонунэҷодкунии давлати мо ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ ва заволнопазир эътироф шуда, қурбу манзалати инсон дар ҷомеа боз ҳам барҷаста таҷассум ёфт.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асосан дар боби дуюми Сарқонуни ҶТ баён гардидааст. Аммо, дар ҳама рукнҳои ин санади муҳими сиёсӣ бинобар аҳамияти беназир доштани масъалаҳои мавриди назар, эҷодҳои мухталиф пешбинӣ гардидааст. Чунончи, ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон дар боби вобаста ба Маҷлиси Олӣ ва Президенти ҶТ, кафолати ёрии ҳуқуқӣ бошад, дар бобе, ки ба ҳокимияти судӣ бахшида шудааст, ҷой доранд. Баъзе ҷузъиёте, ки дар боби 7-уми Сарқонун дарҷ карда шудаанд, ҳолати ҳуқуқии Вилояти Худмухтори Бадахшони Кӯҳиро муайян мекунад, ки аз нуқтаи назари ҳуқуқи инсон онро низ ҳамчун ҳимояи вазъи ҳуқуқии халқиятҳои алоҳида фаҳмидан мумкин аст. Ҳамин тариқ, ҷузъиёти асосии Сарқонуни ҶТ дар он ифода меёбад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон маҳаки асосии сохти конститутсиониро ташкил медиҳанд.

Дар радифи пайдарпайии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ин ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ, пеш аз ҳама ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ шурӯъ мегардад, баъдан ҳуқуқҳои сиёсӣ ва дар интиҳо ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷойгир карда шудаанд. Чунин тақсимбандӣ роҷеъ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон маротибаи аввал мебошад, зеро дар конститутсияҳои даврони Шӯравӣ пеш аз ҳама ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ифода гардида, баъдан ба ҳуқуқҳои шахсиву сиёсӣ эътибор дода шуда буд.

Барои фаҳмотар гардидани масъалаи мазкур, баъзе аз ифодаҳоро дар робита ба ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ мавриди андеша ва муҳокимаронӣ қарор медиҳем.

Ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дар он ифода меёбанд, ки озодии шахсро давлат новобаста аз макон ва замони буду бош ва фаъолияти шахс таъмин намуда, барои фаъолона иштирок намудани ӯ дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, чораҳои зарурӣ меандешад.

Бардоштҳо аз омӯзиши Сарқонуни ҶТ ба хулосае оварда мерасонад, ки ба зумраи ҳуқуқҳои шахсии инсон категорияҳои зерини конститутсиониро метавон шомил намуд: ҳуқуқ ба ҳаёт, дахлнопазирии шахсӣ, дахлнопазирии манзил, дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ, дахлнопазирии маҳрамияти оилавӣ ва шахсӣ, аз ҷумла маҳрамияти мукотиба ва суҳбатҳои телефонӣ, ҳуқуқи мусофират, интихоби озоди маҳали зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он; озодии виҷдону дин ва ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ.

Бояд қайд кард, ки дар маҷмӯи ҳуқуқҳои шахсии инсон мақоми асосиро ҳуқуқ ба ҳаёт ташкил медиҳад. Мутобиқи талаботи моддаи 3-юми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки ҳанӯз 10 декабри соли 1948 аз тарафи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардида буд, ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад. Қариб аксарияти давлатҳои дунё ин талаботи Эъломияро эътироф намуда, дар Конститутсияҳои худ ҳуқуқ ба ҳаётро яке аз ҳуқуқҳои асосӣ эълон намудаанд. Сарқонуни ҶТ низ дар моддаи 18 қайд намудааст, ки ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дорад ва боз дар қисми 1-и моддаи 5 бошад, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро дахлнопазир эълон кардааст. Ин талаботи қонуни асосӣ маънои онро дорад, ки ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун ҳуқуқи мутлақ аз рӯзи таваллуди шахс ба вуҷуд омада, дар тамоми умри инсон, яъне то рӯзи маргаш дахлнопазир мебошад ва ягон нафар ҳуқуқ надорад шахсро аз он маҳрум намояд.

Дигар намуди ҳуқуқҳо дар категорияҳои ҳуқуқҳои шахсӣ ин ҳуқуқи мусофират, интихоби озоди маҳали зист, тарки ҷумхурӣ ва бозгашт ба он ба ҳисоб меравад. Ин талаботи меъёри ҳуқуқ манфиатхоеро муайян намудааст, ки он бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои асосии шахс дохил мешаванд, зеро мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист ҳуқуқҳои табиӣ ва ҷудонашавандае мебошанд, ки ба ҳар нафар аз рӯзи таваллуд тааллуқ доранд. Бо назардошти муҳим будани ин ҳуқуқ он қариб дар ҳамаи шартномаҳои байналмилалӣ, ки вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои инсон қабул гардидаанд, дарҷи худро ёфтааст. Чунончи, дар қисми 1-и моддаи 13-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар омадааст: "Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар ҳудуди ҳар як давлат озодона рафтуомад кунад ва ба худ маҳалли зист интихоб кунад". Қисми 2-юми ҳамин модда бошад, ин мафҳумро боз ҳам васеътар намудаст, ки мувофиқи он "ҳар як инсон ҳақ дорад, ки ҳар кишвар, аз ҷумла кишвари худро тарк кунад ва ба кишвари худ бозгардад". Боз ҳам пурратар ҷузъиёти ин ҳуқуқ дар моддаҳои 12 ва 13-и Паймони байналмилалӣ оиди ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дарҷ карда шудааст.

Аз мазмуну муҳтавои Сарқонуни ҶТ ва шартномаҳои байналмилалӣ хулоса кардан мумкин аст, ки ҳуқуқ ба мусофират якчанд ченакро дарбар мегирад. Аз ҷумла, интихоби озоди рафтуомад дар ҳудуди мамлакат, ҳуқуқи интихоби озоди маҳали зист, ҳуқуқи тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он. Дар баробари ин, дар Сарқонун дарҷ гардидани ин ҳуқуқ асос барои қабул кардан ва мушаххас гардонии онҳо дар дигар қонунгузориҳои ҷумҳурӣ гардидааст. Аз ҷумла, дар моддаи 21 Кодекси граждании ҶТ мафҳуми умумии маҳалли зист, ҳамчун маҳале, ки шаҳрванд ба таври доимӣ ва ё бештар зиндагӣ мекунад, муайян шудааст. Асосҳои ҳуқуқӣ ва баамалбарории ин меъёрҳои ҳуқуқ нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ бошад, дар моддаҳои 5, 11 ва 19 Қонуни ҶТ "Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ" дарҷи худро ёфтааст. Дар баъзе мавридҳо қонунгузор бевосита ба маҳалли зисти шахс имкониятҳои ӯро барои баамалбарории ҳуқуқҳояш дар мавриди ҳимоя алақаманд мекунад. Аз ҷумла, тибқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳолат дар мавриди мурoҷиати шахс ба ин ва ё он суди мушаххас вобастагӣ дорад.

Ҳамин тариқ, ҳукуқи интихоби озоди рафтуомад ва ҳуқуқи интихоби озоди маҳалли зист воқеан ба ҳуқуқҳои шахсӣ дохил мешаванд, ки дигар ҳуқуқу озодиҳо низ ба он алоқаманди доранд.

Дар таъмини баамалбарории ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамчун механизми далатдории ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ мақоми махсусро доро мебошад. Сарқонуни ҶТ муайян намудааст, ки адолати судӣ дар Тоҷикистон танҳо аз ҷониби суд ба амал баровардa мешавад. Ягон шахс ва ё мақомот ҳуқуқ надорад, ки функсияҳои судиро иҷро намоянд.

Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ дар маҷмӯъ ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавии ҳар як шахси воқеӣ мебошанд, ки қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк метавонад барои барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда, ё пешгирии баамалбарории ғайриқонунии меъёрҳои ҳуқуқӣ, муроҷиат намояд.

Сарқонуни ҶТ ба ҳар як нафар кафолати ҳифзи судиро додааст ва ин меъёри ҳуқуқ дар моддаи 19 қайд карда шудааст. Ҳамзамон, тибқи талаботи ҳамин моддаи Конститутсия ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки дар асоси қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.

Дар баробари шаҳрвандони ҶТ шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ низ кафолати ҳифзи судиро, ба ғайр аз баамалбарории ҳуқуқҳои сиёсӣ ва уҳдадории ҳарбӣ, ба пуррагӣ доро мебошанд, ки аз демократӣ ва адолатпарвар будани ин Конститутсия гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тариқ, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳақиқат ҳуҷҷати тақдирсозе мебошад, ки барои таъмини давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ягонаи тоҷикон заминаи ҳуқуқӣ гузоштааст ва дар он ҳукуқу озодиҳои шахс муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳо эътироф шудааст.

# баррасии масъала ва роҳи ҳалли он

Заминаи асосии танзими масъалаи мазкур дар ин кишварҳо ин ба таври дахлдор ба танзим даровардан, аниқ мушаххас намудан ва танзими дурусти яке аз соҳаҳои асосии ҳуқуқи граждании - ҳуқуқҳои ашёгӣ алалхусус, ҳуқуқҳои маҳдуди ашёгӣ мебошад.

Ҳуқуқи ашёгӣ (дар маънои объективӣ) ба сифати яке аз соҳаҳои асосии ҳуқуқи гражданӣ ва қонунгузории гражданӣ баромад намуда, бахри таъмин намудани манфиатҳои субъектҳои алоҳида ҷиҳати соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ намудан аз ашёи бо нишони инфиродӣ мушаххас равона карда мешавад. Инчунин, ҳуқуқҳои ашёгӣ дар маънои субъективӣ низ фаҳмида мешаванд, ки ба ин сифат он ба ҳайси ҳуқуқҳои субъективи гражданӣ, ки ба сифати объекти онҳо танҳо ашёҳои бо нишони инфиродӣ мушаххас баромад менамоянд, эътироф карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқҳои ашёгӣ ба ду намуд тақсим карда мешаванд: ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои маҳдуди ашёгӣ. Ҳуқуқҳои маҳдуди ашёгӣ ин як қатор ҳуқуқҳои ашёгие мебошанд, ки ба субъект имкон медиҳанд, ки аз ашёи дар соҳибмулкии бегона қарор дошта истифода намуда, манфиатҳои худро ҳимоя намояд. Таърихан ҳуқуқҳои маҳдуди ашёгӣ дар замони хеле пеш ба миён омада, дар даврони Рими қадим онҳо ба сифати яке аз ҳуқуқҳо ба ашё (jura in re aliena), дар баробари ҳуқуқи моликият, эътироф карда шуданд. Аммо, ҳуқуқҳои ашёгӣ дар он шакле, ки дар қонунгузории давлатҳои пешрафта баррасӣ карда мешаванд, натиҷаи меҳнати пандектистон (олимони ҳуқуқшиноси Олмон, ки бори аввал дар таърих мафҳумҳоро дар ҳуқуқи гражданӣ ҷорӣ намуда, қисми умумии Уложенияи граждании Олмонро пешниҳод намуданд) мебошанд.

Яке аз чунин ҳуқуқҳои маҳдуди ашёгӣ ин узуфрукти иҷтимоӣ (оилавӣ) мебошад. Моҳияти ин ҳуқуқи маҳдуди ашёгӣ дар он мебошад, ки бо дастрасӣ ба он, шахсоне, ки дар қонун дарҷ карда шудаанд (ин гуна шахсон бояд ҳатман дар қонун ба таври мушаххас дарҷ карда шаванд), метавонанд аз ашёи дахлдор, аз ҷумла манзили истиқоматӣ, истифода баранд.

Пас, бо назардошти ин гуфтаҳо, бо кадом роҳ мо метавонем масъалаи маскуншавиро ба таври дахлдор дар қонунгузорӣ дарҷ намоем ва манфиатҳои субъектони дахлдорро ҳимоя намуда, ба саволҳои дар боло дарҷгардида посух дарёбем? Фикр мекунем, ки дар ҳолати амалӣ намудани пешниҳоди зерин мо метавонем, масъалаи мазкурро баррасӣ намоем:

- якум, мо бояд дар Кодекси граждании ҶТ (минбаъд - КГ) масъалаи ҳуқуқҳои ашёгиро ба таври умумӣ ва дахлдор ба танзим дарорем. Бояд зикр намуд, ки то дар КГ ба таври дахлдор ҳуқуқҳои ашёгӣ ва тамоми мушаххасоту хусусиятҳои он дарҷ карда нашаванд, мо оид ба ҳалли масъалаи маскуннамоӣ шурӯъ карда наметавонем;

- дуюм, дар КГ бояд номгӯйи мушаххаси ҳуқуқҳои маҳдуди ашёгӣ, аз ҷумла узуфрукти иҷтимоӣ (оилавӣ) дарҷ карда шуда, вобаста ба хусусиятҳои ҳар кадоми онҳо муқарраротӣ дахлдор маҳз дар КГ мустаҳкам шаванд;

- сеюм, вобаста ба узуфрукти иҷтимоӣ (оилавӣ) дарҷ карда шавад, ки объекти ин гуна ҳуқуқ бояд манзили истиқоматӣ бошад; истифодабарандагони ҳуқуқи мазкур шахсоне мебошанд, ки дар аъзои оилаи соҳибмулки манзили истикоматӣ буда, аз соҳибмулки манзил ҳуқуқи талаб намудани алиментро доро мебошанд; давомнокии татбиқшавии ин ҳуқуқ то ба итмом расидани ҳуқуқи талаб намудани пардохти алимент муқаррар карда мешавад. Инчунин, дигар ҳолатҳои умумии қатъ шудани ҳуқуқҳои ашёгӣ низ ба ин ҳуқуқи маҳдуди ашёгӣ паҳн карда мешаванд, аз ҷумла несту нобуд шудани ашё, фавти субъект ва ғайра;

- чорум, узуфрукти иҷтимоӣ (оилавӣ) танҳо нисбати он шахсон - ҳамсарони собиқи молики манзили истиқоматӣ, ки онҳо дорои имкони қонеъ намудани манфиатҳои худ бо истифода аз дигар манзил - манзили худӣ ва ё ба таври иҷора гирифтани манзили дигар надоранд, татбиқ карда шавад;

- панҷум, бо сабаби он, ки ҳуқуқҳои ашёгӣ, аз ҷумла узуфрукти иҷтимоӣ (оилавӣ) ба сифати ҳуқуқи субъективӣ эътироф карда мешавад, пас ин ҳуқуқ бояд дар асоси принсипи софдилона амалӣ намудани ҳуқуқҳо худ бо сӯистеъмол накардан аз ин ҳуқуқҳо (шикана) бояд татбиқ карда шавад. Дар ҳолати дарҷ намудани чунин муқаррарот дар КГ оид ба ҳуқуқҳои маҳдуди ашёгӣ, суд метавонад дар ҳолати сӯистеъмол аз ин ҳуқуқ (бояд қайд намуд, ки ин гуна ҳолатҳо дар таҷриба зиёданд, масалан собиқ ҳамсари соҳибмулки манзил, ҳарчанде ки дорои манзили истиқоматии худӣ мебошад, аммо қасдона аз суд талаб менамояд, ки дар манзили соҳибмулки манзил - собиқ ҳамсари худ, ӯро маскун намояд), ҳамсари собиқро маскун накунад ва ё дар асоси қарори дахлдор ҳуқуқи шахси маскуннамударо аз истифода намудан аз манзили истиқоматӣ қатъ намояд;

- шашум, бинобар сабаби ба сифати ҳуқуқи маҳдуди ашёгӣ эътироф намудани узуфрукти иҷтимоӣ (оилавӣ), ҳуқуқи мазкур дар ҳолати татбиқ намудани он аз ҷониби субъекти дахлдор, ба сифати гарони ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ баромад менамояд. Яъне, ҳангоми аз ҷониби соҳибмулк ихтиёрдорӣ намудани манзили истиқоматӣ, соҳибмулк бояд оид ба ҳуқуқҳои шахсони дахлдор ба ин манзил, харидорро то бастани шартномаи хариду фурӯш огоҳ намояд (м.496-и КГ).

- ҳафтум, дарҷи масъалаҳои мазкур дар КГ имкон медиҳад, ки ҳангоми дар ҳолатҳои дахлдор аз ҷониби соҳибмулки манзил ва ё дигар аъзоёни оила ӯ, ворид шудан ба ҳуҷраe, ки дар он шахси маскуннамуда иқомат менамояд, ба сифати ҷиноят эътироф карда нашавад, зеро ҳуҷра ба сифати объекти алоҳида чун манзили истиқоматӣ эътироф карда намешавад.

Фикр мекунем, ки дар ҳолати ба таври дахлдор муқаррар ва дарҷи пешниҳодоти мазкур дар КГ, мо метавонем масъалаи маскуннамоиро дар кишвар ба таври дахлдор ба танзим дарорем ва манфиатҳои субъектони гуногунро мавриди ҳифз қарор диҳем.

# Зарурати омӯзиши ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



*Идиев Файзалӣ*
*н.и.ҳ., ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ*

Яке аз рӯйдодҳои муҳими нимаи дуюми асри ХХ ин ҳамгироии иқтисодии давлатҳои Аврупо мебошад. Бо ба имзо расидани шартнома дар бораи Ҷомеаи аврупоии саноатчиёну ангишту пӯлод аз ҷониби давлатҳои Белгия, Италия, Люксембург, Нидерландия, Фаронса ва ЧФО соли 1950 заминаи аввал барои ҳамгироии иқтисодии давлатҳои Аврупо гузошта шуд. Соли 1957 аз ҷониби давлатҳои номбаршуда шартнома дар бораи Ҷомеаи аврупоӣ оид ба энергияи атомӣ ва шартномаи Ҷомеаи иқтисодии Аврупо ба имзо расид, ки марҳилаи дувуми ҳамгироии давлатҳои Аврупо мебошад, ки он фарогири тамоми ҷанбаҳои иқтисодии ҳамкориҳо мебошад.

7 феврали соли 1992 дар шаҳри Маастрихт шартнома дар бораи Иттиҳоди Аврупо ба имзо расид, ки он 1 ноябри соли 1993 ба ҳукми қонунӣ даромада, бо номи шартномаи Маастрихт машҳур мебошад. Аз 1 ноябри соли 1993 инҷониб ҷомеаҳои Аврупоии қаблӣ ба созмони байналмилалии нав - Иттиҳоди Аврупо табдил ёфт, ки то айни ҳол фаъолият дорад. Бо ба имзо расидани шартномаи Маастрихт доираи фаъолияти ин созмон васеъ гардида он на танҳо масъалаҳои ҳамгироии иқтисодӣ, балки сиёсати умумии хориҷӣ ва сиёсат дар соҳаи амният, инчунин ҳамкорӣ дар соҳаи адолати судӣ ва корҳои дохилиро низ фарогир шуд.

Иттиҳоди Аврупо дар аввали таъсисёбиаш аз шаш давлати аъзо иборат буд. Пас аз ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардидани ин созмон дар давраҳои гуногун ба ҳайати он давлатҳои дигари аврупоӣ шомил гардида, шумораашон ба 27 (Фаронса, Белгия, Нидерландия, Люксембург, Италия, ЧФО, Британияи кабир, Дания, Юнон, Испания, Португалия, Австрия, Финляндия, Шветсия, Латвия, Литва, Эстония, Полша, Венгрия, Чехия, Словакия, Словения, Кипр, Малта , Булғория ва Руминия) ва аҳолиаш ба 500 миллион нафар расидааст.

Рӯйдоди дигари муҳими солҳои 90-уми асри ХХ ин пароканда шудани давлати Шӯравӣ ва ба ҷойи он ба арсаи байналмилалӣ қадам ниҳодани 15 ҷумҳурии дар ҳайати он буда ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб рафта, 9 сентябри соли 1991 бо Қарори ШО ҶТ истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ эълон гардида, дар он оид ба дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ баромад намудан ишора гардида буд. Барои дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати соҳибихтиёр қадам ниҳодан, эътирофи давлат аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмиллалӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Ҷомеаҳои Аврупо (айни ҳол Иттиҳоди Аврупо) яке аз созмонҳои байналмилалие мебошад, ки ҳанӯз дар солҳои 90-уми асри ХХ барои ба ҳайси давлати мустақил эътироф намудани 15 ҷумҳурии Иттиҳоди Шӯравиро талабот пешниҳод намуда буд. Ин талабот риояи Оинномаи СММ, ӯҳдадориҳо дар доираи Санади хотимавии МАҲА (ҳозира САҲА) оиди волоияти қонун, демократия ва ҳуқуқи инсон мебошанд. Пас аз он ки ҶТ ҳамаи шартҳои пешниҳодшударо пазируфт, аз ҷониби Ҷомеаи Аврупо ба ҳайси давлати соҳибистиқлол эътироф гардид. Пас аз эътироф гардидани ҶТ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ҳамкориҳои дуҷониба бо ин созмон вусъат ёфта як қатор шартномаҳо ба имзо расонида шуд. Дар байни созишномаҳои ба имзо расида мавқеи асосиро "Созишномаи байни ҶТ ва ҷомеаи Аврупо оид ба шарикӣ ва ҳамкорӣ" мебозад, ки 11 октябри соли 2004 дар шаҳри Люксембург байни Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси Комиссияи Аврупоӣ ба имзо расонида шудааст. Созишномаи мазкур аз 101 модда, 11 фасл ва 4 протоколи замимагардида иборат мебошад. Самтҳои асосии ҳамкорӣ тибқи созишномаи мазкур чунин мебошанд: ҳамкорӣ дар соҳаи қонунгузорӣ, дар соҳаи савдои молҳо ва хизматрасонӣ, ҳамкории саноатӣ, дастгирӣ ва ҳимояи сармоягузорӣ, харидҳои давлатӣ, стандартизатсия ва баҳогузорӣ тибқи стандартҳо, саноати маъданҳои кӯҳӣ, илм ва технология, маориф ва тайёрии касбӣ, хоҷагии қишлоқ ва саноати кишоварзӣ, энергетика, муҳити зист, нақлиёт, телекоммуникатсия ва хизмати почтавӣ, хизматрасонии молиявӣ ва институтҳои андозӣ, хусусигардонии корхонаҳо, тараққиёти минтақавӣ, самти иҷтимоӣ, туризм, корхонаҳои хурд ва миёна, иттилоот ва алоқа, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, масъалаҳои гумрукӣ, ҳамкорӣ дар бахши омор ва илми иқтисод, муқовимат ғайриқонунӣ ва мубориза бо терроризм.

Бо мақсади амалӣ намудани самтҳои ҳамкориҳои дар боло номбаршуда соли 2001 дар шаҳри Брюссел намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ҷомеаи Аврупо ва соли 2004 Комиссияи Аврупоӣ оиди ифтитоҳи намояндагии худ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро қарор қабул намуд ва дафтари он ба фаъолият шурӯъ карда, айни ҳол фаъолият карда истодааст.

Иттиҳоди Аврупо дорои мақомотҳои фародавлатие мебошад, ки қарорҳои қабулнамудаи онҳо дар давлатҳои аъзо амали бевосита доранд. Инчунин, Иттиҳоди Аврупо дорои қаламрави худ, сарҳад, шаҳрвандии ягона, буҷети умумӣ, Иттифоқи гумрукӣ, бозори ягонаи дохилӣ, воситаи ягонаи муомилот, сиёсати ягонаи хориҷӣ ва сиёсат дар соҳаи амният, сиёсати ягонаи мудофиавӣ ва низоми ягонаи визадиҳиро соҳиб аст, ки дигар созмонҳои байналмилалӣ чунин хосиятҳоро доро намебошанд.

Чи тавре ки дар боло қайд гардид, ҶТ бо Иттиҳоди Аврупо дар доираи васеи масъалаҳо ҳамкориҳоро ба роҳ монда истода, надоштани маълумот оид ба қонунгузории созмони мазкур дар самти гумрук, бозори ягонаи дохилӣ, воситаи ягонаи муомилот, сиёсати ягонаи хориҷӣ ва сиёсат дар соҳаи амният, сиёсати ягонаи мудофиавӣ ва низоми ягонаи визадиҳӣ густариш додани ҳамкориҳо мушкилиҳоро ба пеш меоваранд. Аз ин рӯ, таклиф карда мешавад, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Руссия, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Коллеҷи олии ҳарбии вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ. ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо ҳамчун фанни таълимӣ мавриди омӯзиши васеъ қарор дода шавад.





Шоинбеков О.
Ст. преподаватель кафедры иностранных языков

# СОВРЕМЕННЫЕ МЕТОДИКИ, ПРЕДНАЗНАЧЕННЫЕ ДЛЯ БЫСТРОГО ИЗУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

На сегодняшний день английский язык по праву считается международным. С его помощью вы сможете легко найти для себя собеседника в любой точке нашей планеты, свободно общаться с деловым партнёрами, читать англоязычные книги и сайты, смотреть фильмы на языке оригинала, не только слушать музыку, но и лёгкостью понимать тексты песен. В наши дни уверенное владение иностранным языком является одним из основных критериев отбора на высокооплачиваемую и перспективную работу. Поэтому обучения английскому языку давно стало не только способом повышения своего интеллектуального уровня, но и требованием, которое продиктовано правилам ведения международного бизнеса.

В наше время имеется множество разработанных методик быстрого изучения языка, которые в целом можно разделить на два основных типа - традиционные и нетрадиционные. Тем, кто в школьные годы не придавал должного значения изучению иностранного языка, наиболее подойдёт традиционный классический метод обучения. Он основывается на снятии языкового барьера при помощи живого общения в группах, работе с аудиоматериалами, участие в играх. Недостатком такого метода обучения английскому считается получаемый не слишком обширный лексический запас.

Для быстрого изучения разговорного языка наиболее подходят нетрадиционные методы обучения. Многие курсы в большей степени ориентированы на коммуникативный метод, который состоит в комплексном подходе к обучению английскому языку. При таком методе совершенствуются навыки разговорной речи и её правильное восприятия на слух, письмо и чтение. Среди множество способов обучения английскому выделяется разработанная НИИ психологии и развития способностей уникальная методика, позволяющая за 10 - 15 дней восполнить всю школьную программу, а за полтора месяца достичь уровня устного переводчика. Особенностью данного метода является обучения, которое построено на интенсивной тренировке слухового понятийного и моторного речевого навыков. Данная программа обучения языку обычно делится до 1,5 месяцев. Хорошо себя зарекомендовала в середине прошлого века методика Георгия Лозанова, построенная на принципе самовнушения и иных психологических приёмах. Эта методика позволяет произвести обучение английскому в течение 24 дней. Со временем Галиной Китайгородской и Игорем Шехтером на основе методики Лозанова был разработан эмоционально-смысловой метод. Существует и множество других методов изучения языка, каждый из которых различается как по подходу к обучению, так и по принципам работы и способам воздействия на студента.

Как правильно выбрать для себя метод изучения языка?

Перед тем как записаться на курсы английского языка, необходимо определится, с какой целью вы ставите перед собой такую задачу. При выборе метода необходимо ориентироваться на личные качества: на способность быстро усваивать материал и на уровень вашей базовой подготовки, люди, которые обладают хорошей зрительной памятью и слухом, развитым аналитическим мышлением и способностью чётко представлять зрительные и слуховые образы, имеют большие шансы на успешное изучение языка. Во время обучения не стоит делать основной упор на заучивании грамматики и текстов, а больше внимания следует уделять навыкам общения и аудирования, чтот позволит сделать изучение иностранного более эффективным и лёгким в усвоении. Достаточное количество времени должно уделяться разговорному направлению и общению. Но при этом желательно, чтобы были не слишком большие: по 4-5 человек. Преподаватели английского языка постоянно применяют новые методики подачи нового материала. Благодаря этому учащиеся быстрее усваивают информацию и приобретают разговорные навыки. Классические методы обучения чередуются с инновационными, это позволяет достичь значительных успехов в изучение языка. Не все методики полезны. Некоторые из них созданы с получения дохода и совсем не направлены на совершенствование знаний. Предприимчивые люди придумывают какие - то абсолютно бесполезные новшества, для которых характерны громкие обещания и фактически нулевой результат: супер сигналы, внедренные в учебные видеоматериалы, особые способы запоминания и прочие. Среди предлагаемых новинок изредка встречаются действительно стоящие методики, дающие отличный и стойкий результат при изучении иностранного языка.

Опытные преподаватели отдают предпочтение классической методике и коммуникативному способу. Классический метод практикуется в основном на филологических факультетах, в техникумах и училищах. Первые уроки посвящаются изучению основ языка: алфавита, правильному произношению звуков английской речи. Достаточное количество времени выделяется на изучение письма, чтения, аудирование. Постоянно совершенствуется разговорные навыки.

**КОММУНИКАТИВНЫЙ МЕТОД**

Эта методика получила широкое распространение недавно. Она ориентирована на стимулирование учащихся к устному общению, способности воспринимать живую речь. Для подобного обучения характерно быстрое преодоление языкового барьера, умение мгновенно реагировать на вопросы, давая подробные ответы. Посещая курсы английского языка, проводимые по коммуникативной методике, учащиеся с первых минут окунаются в особую атмосферу, когда русские и Таджикские слова почти не употребляются. Позже, попадая в англоязычную среду, они спокойно общаются на разнообразные темы, не испытывая неудобств.

**ИНТЕНСИВНЫЙ МЕТОД**

Новейшая методика, только становится популярной. О ней высказывают по разному. Есть восторженные отзывы, имеются и негативные. Отличительные особенности этого метода обучения: нет системного подхода, хаотичность подачи материала. Многие учащиеся не получают базовых знаний. Лексический запас формируется, но он недостаточен. Оптимальный вариант - сочетание различных методик. Опытные преподаватели используют лучшие свойства нескольких учебных систем. При этом учитывают персональные особенности, но не забывают о потребностях всей группы учащихся. Если студенты обладают достаточной настойчивостью и стремление к обучению, они обязательно выучат английский язык, достигнув отличных результатов

# Коррупсия чист ва онро чӣ гуна бояд пешгирӣ намуд?



Бояд хотирнишон намуд, ки масъалаи коррупсия имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Коррупсия ба мисли дигар ҷиноятхо аз ҷумла терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таъсири манфии худро ба сатҳи иқтисодӣ, иҷтимоии давлат мерасонад. Мушкилоти коррупсия имрӯз аз он иборат аст, ки ҳангоми он ба сохтори идоракунии давлат, хоҷагии халқ, соҳаи иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ ба тамоми ҷамъият зарари ниҳоят калон расонида мешавад. Яке аз олимони намоёни сиёсии асри миёна Никколо Макиавелли коррупсияро ба беморие, ки дар ибтидо фаҳмиданаш душвору табобаташ осон ва дертар аллакай фаҳмиданаш осону табобаташ қариб имконнопазир аст, маънидод намудааст. Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ мафҳумҳои гуногуни коррупсия истифода мешавад. Яке аз мафҳумҳое, ки Конгресси нуҳуми СММ пешниҳод намудааст, чунин аст: "Коррупсия сӯистифода аз ҳокимияти давлатӣ барои гирифтани фоида ба мақсадҳои шахсӣ аст". Бояд хотирнишон намуд, ки аввалин маротиба истилоҳи коррупсия тахминан дар асрҳои 15-16 дар Аврупо барои ифода намудани зуҳуроти ришва додан, ришва гирифтан, пинҳон намудани фаъолияти ҷинояткоронаи пайвандони худ ва монанди инҳо истифода шуд ва ин тавсия то ба имрӯз маънои худро гум накардааст. Мувофики тадқиқоти экспертҳои байналмилалии молиявӣ дар мамлакатҳои ИДМ иқтисодиёти пасипардагӣ то 70% иқтисодиёти расмиро ташкил дода, ҳаҷми пораҳои ҳар сол додашаванда баробари нисфи қисми даромади буҷети онҳост. Раванди ташаккули мафҳуми ҳозираи коррупсия дар таърихи тамаддун якчанд ҳазорсолаҳоро дар бар мегирад. Ба андешаи бисёре аз олимон, нишонаҳои аввалинро дар бораи коррупсия амалдорон дар бойгониҳои Бобулистони қадим, ҳамчунин дертар дар қонунҳои машҳури Хаммурапӣ дучор омадан мумкин аст, ки яке бандҳояш чунин аст: "Агар одам амволи касро дуздида бошад, ин одам бояд кушта шавад; ҳамчунин шахсе, ки аз дасти вай чизи дуздиро гирифт, бояд кушта шавад. Дар замони муосир яке аз сабабҳои коррупсия, ки хоси давраи гузариш мебошад, арзи вуҷуд кардани шаклҳои муосири танзими давлатии иқтисодиёт (литсензиякунонӣ, сертификатсиякунонӣ, қарздиҳӣ ва ғайра) мебошад. Ин омилҳои дар боло зикршуда дар сурати танзими қонунии ҳамаҷониба ва саривақтии худро наёфтан, барои коррупсия шароити боз ҳам мусоидтар ба миён оварда метавонанд. Дар ҷумҳурии мо бошад, нисбати ин масъала мақомоти ваколатдор, аз ҷумла Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия як зумра тадбирҳо андешида истодааст. Аз қабили, нашри адабиёт, ба саҳнагузории намоишномаҳо ва барномаҳои телевизионӣ, ба иттиллои омма расонидани натиҷаҳои тафтишҳои мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва ғ.

Хулоса, пешгирии кирдорҳои коррупсионӣ ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта натанҳо вазифаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, балки масъулияти ҳар як шаҳрванди кишвари мост. Яъне, барои пешгирии ин амали номатлуб "НЕ" гуфтани мо аҳамияти муҳим дорад.

Комрон Раҷабов
донишҷуи курси 3-юми факултети ҳуқуқшиносӣ

# КӮДАК ҲАМЧУН ИШТИРОКЧИИ КОМИЛҲУҚУҚИ МУНОСИБАТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ



Ҳама гуна мавҷудоти инсонии то синни 18 - сола кӯдак ҳисобида мешавад (моддаи 1 Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак).

Кӯдак бояд иштирокчии комилҳуқуқи муносибатҳои ҷамъиятӣ бошад. **Рӯ овардан ба ин масъала поймол гардидани ҳуқуқҳои кӯдак мебошад.** Дар ҳаёти ҳамарӯзаи мо таъбизу зӯроварӣ нисбати кӯдак дар оила аз ҷониби волидайн мушоҳида карда мешавад. Дар баъзе оилаҳо ҳуқуқҳои кӯдак бештар маҳдуд карда шудааст, ки чунин амал боиси маҳдудияти фикронии кӯдак мегардад ва ба ояндаи ӯ таъсири манфӣ мерасонад. Ҳол он ки кӯдак ҳуқуқи озодона баён кардани ақидаи худро дорад.

Кӯдак дар ҷомеа якҷоя бо калонсолон, волидон, парасторон, омӯзгорон ҳамчун субъект баромад мекунад. Кӯдак чун инсони комилҳуқуқ ҳуқуқи истироҳат кардан, таҳсил намудан, ҳуқуқи гирифтани иттилоот, ҳуқуқи озодона баён кардани ақидаи худ, нигоҳ доштани сирри махфиятии мукотиботӣ ва ҳуқуқ ба муҳити мусоиди зистро дорад. Хусусияти фарқунандаи амалишавии ҳуқуқҳои кӯдак аз нишондиҳандаи ақлониву ҷисмонӣ вобаста мебошад. Чунки кӯдак таҷрибаи ҳаётӣ надорад, аз ин рӯ амалҳои худро хуб эҳсос намекунад.

Аз Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак бармеояд, ки ашхоси ба синни 18-сола нарасида кӯдак ҳисобида мешавад, вале дар баробари ин кӯдак метавонад, ки бо баъзе ҳолатҳои истисноии дар қонунгузории давлатҳо пешбинишуда дорои қобилияти пурраи амал эълон гардад (масалан, эмансипатсия ё кам кардани синни никоҳ). Кӯдаконе, ки дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ зиндагонӣ мекунанд, бештар дучори таҳдидҳои маънавию ҷисмонӣ мегарданд. Маърӯзае, ки соли 2001 аз ҷониби СММ дар бораи "Мо кӯдакон" пешниҳод гардида буд, чунин нишондиҳандаҳоро доро аст: фавти кӯдакони то синни 5-сола 11 млн нафарро ташкил дод, ки аксариятaшон табобатшавандаанд. Ё ин, ки соли 2000-ум бо сабаби бемории ВИЧ-СПИД тахминан 13 млн нафар кӯдак аз волидон маҳрум монданд, 150 млн нафар кӯдак бо серӣ хӯрока ва нӯшока истеъмол намекунанд, аз 3 млрд нафар одам, ки рӯзе бо 2 доллари амрикоӣ умр ба сар мебаранд, 50%-ашон кӯдак мебошад. Дар низоъҳои муссалаҳона бошад, қариб 2 млн нафар кӯдак фавтидаанд, ки қисми зиёдашон сарбоз будаанд. Новобаста аз оне, ки оид ба ҳуқуқҳои кӯдак шумораи зиёди санадҳои муҳими байналмиллалӣ қабул шудааст, вале иҷроиши ҳуқуқии онҳо кам ба назар мерасад.

Аввалин санади муҳим ин Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак мебошад, ки аввали соли 1989 аз тарафи СММ қабул гардида, 2 сентябри ҳамон сол мавриди амал қарор гирифт. Дар баробари ин, якчанд созмону ташкилотҳои дигари байналмиллалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак таъсис дода шудааст. Дар ин самт фаъолияти Хазинаи кӯдакони СММ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон хуб назаррас аст.

ҶТ соли 1993 ба Конвенсияи байналмиллалии ҳуқуқҳои кӯдак ҳамроҳ шуд. Ин иқдом зарурати дар ҶТ таъсис намудани бахши Хазинаи кӯдакони СММ ва ЮНИСЕФ-ро ба миён овард. Фаъолияти ЮНИСЕФ дар ҶТ ба самтҳои маориф, ҳифзи саломатии модар ва кӯдак ва ҳифзи муҳити зист равона карда шудааст.

Қонунгузории ҷумҳурии мо дар самти ҳимояи ҳуқуқи кӯдак бо санадҳои байналмилалӣ пурра мувофиқат мекунад. Гувоҳи ин моддаи 34-уми Конституцияи ҶТ мебошад, ки мувофиқи он модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд. Инчунин, Кодекси граждании ҶТ низ пешбинӣ менамояд, ки ба ҷои ноболиғони ба синни 14 - сола нарасида муомилоту созишҳоро аз номи онҳо волидон, падархондҳо, ё парасторони онҳо ба ҷо оварда метавонанд. Илова бар ин, ҶТ барои ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакон якчанд корҳои муҳимро ба сомон расонидааст. Аз ҷумла соли 2001 дар сохтори Ҳукумати ҶТ созмони махсус оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак таъсис дода шудааст. Ин созмон бо мақсади ҳамоҳанг сохтани фаъолияти идораҳои давлатӣ ва маҳаллӣ барои иҷрои қонунгузории ҶТ ва санадҳои тасдиқкардаи ҶТ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакон таъсис дода шудааст. Ғайр аз ин, кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ, кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ ва комиссияи ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ҷиҳати иҷроиши самтҳои зикргардида бетараф нестанд.

Имрӯзҳо дар ҷомеа кӯдакон аз лиҳози баёни ақидаи худ озод нестанд. Волидони онҳо ба кӯдакон имконият намедиҳанд, ки фикру ақидаи худро озодона баён созанд. Дар ояндa вақте ки кӯдак ба воя мерасад, фикру ақидаи худро оид ба ягон масъалаи ҳаётӣ баён карда наметавонад. Дар баъзе оилаҳо волидайн масъалаҳои ҷамъиятиро шарҳи нодуруст медиҳанд, ки ба кӯдак таъсироти манфӣ расонида, кӯшиши ӯро оид ба иштирокчии комилҳуқуқи муносибатҳои ҷамъиятӣ будан комилан барбод медиҳад. Вале волидайн ба ин гуна рафтори нодурусти худ аҳамият намедода, ин амали худро гӯё дуруст меҳисобанд. Аммо ба андешаи мо рафтори хуби волидайн дар назди кӯдакон ин худ тарбия мебошад.

Ҳоло кӯдакон аз иштирокчии комилҳуқуқи муносибатҳои ҷамъиятӣ буданашон бохабар нестанд. Сабаби ин дар паст будани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии волидайн ва худи онҳо мебошад. Барои пешгирии ин гуна ҳолатҳо дар кишвари мо қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" қабул шудааст, ки ба андешаи мо саҳми назаррасе худро дар таъмини ҳуқуқҳои кӯдак мерасонад.

Мо, ҳуқуқшиносони оянда, дар оилаҳое, ки таъзӯр (зӯроварӣ) нисбати кӯдак ҷой доранд, корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом дода, заррае ҳам бошад, саҳми худро ба ояндаи рушди ҳуқуқи кӯдак хоҳем гузошт.

**Гулов Амирҳамза**
*донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси идораи давлат ва ҳуқуқ*

# АНДЕШАҲОИ МУАРРИХОН ВА БУЗУРГОНИ ИЛМ ДАР БОРАИ КУРУШИ КАБИР



Ҳудуди давлати ориёиҳо дар замони Куруши Кабир дар Ғарб гулӯгоҳи Дарданел, дарёи Мағриб, дар Шарқ рӯдҳои Синду Сир, дар Шимол дарёи Гургон, кӯҳҳои Қафқоз ва дар Ҷануб халиҷи Порс ва нимҷазираи Арабистонро фаро мегирифт. Ин аввалин империяи ҷаҳонӣ буд, ки онро Куруш бунёд гузошта буд ва ҳеҷ ҳукуматдоре пеш аз Куруш давлате бо чунин паҳноварӣ ва камхунрезие таъсис карда натавониста буд. Дар бораи Куруши Кабир муаррихони қадим фикрҳои ҷолибе гуфтаанд.

Дар "Курушнома" омадааст: "Куруш нобиғаи бузург буд, ки дар тамоми умр ба ҳадафе муқаддас ва олӣ пайравӣ мекард. Ӯ дӯсти инсонҳо ва толиби илму ҳикмат, ростӣ ва дурустӣ буд. Куруш чунин ақида дошт: "Пирӯзӣ ба ҳеҷ кишваре ба ҳеҷ миллате ҳуқуқ намедиҳад, ки халқи мағлубро асир кунад. Ҳангоми ҷанг бояд кӯшид, ки кишоварзон ва мардуми ғайрисипоҳӣ зарар набинанд. Шаҳри шикастхӯрдаро набояд ғорат кард". Куруш муваффақ шуд, ки миллатҳои шикастхӯрдаро шефтаи худ созад. Тавре ки порсҳо ӯро падар хондаанд, миллатҳои мағлуб ӯро "худовандгор" ҳисобидаанд. Куруш бузургтарин, бахшандатарин, покизатарин, дарёдилтарин марди таърихи дунё буд. Куруш бузургтарин ҳаводори фарҳанг ба шумор мерафт".

Афлотун мегӯяд: "Куруш сарвари бузург буд. Дар замони ӯ ориёиҳо аз озодӣ бархурдор буданд ва бар бисёр миллатҳои дунё фармонравоӣ мекарданд. Куруш ба ҳамаи миллатҳое, ки зери фармони ӯ буданд, ҳаққу ҳуқуқи озодӣ бахшид, аз ин рӯ вайро ҳама дӯст медоштанду эҳтиром мекарданд".

Ҳеродот дар бораи Куруш навиштааст: "Ӯ подшоҳи сода, баландҳиммат ва родмарди шуҷоъ буд. Ӯ порсҳоро аз боҷ додан раҳонид ва соҳиби империяи ҷаҳонӣ ва миллати нирӯмандтарин гардонид".

Дар адабиёти таърихӣ се подшоҳро бузургтарин подшоҳони ҷаҳон номидаанд: Куруш, Искандар ва Сезарро. Аммо дар амал на Искандар ва на Сезар ба пояи Куруш расида наметавонистанд. Аввалан, Искандар қотил буд ва аз дасти ӯ ҳазорҳо мардумони бегуноҳ ҳалок шудаанд. Ӯ садҳо шаҳрро хароб кард, сӯзонд. Сезар ҳамчунин. Куруш ободгари шаҳрҳои вайрону роҳҳо буд. Куруш дар давоми футуҳоти худ мардумозорӣ накардааст. Ӯ ғамхори ҳама буд. Ӯ барои эҳёи осоиши мардумони ғайриориёӣ низ кӯшишҳо ба харҷ дод. Куруш худро аз мардум ҷудо намекард. Хулоса, ӯ падари ҳамаи мардумони дохили империяи худ буд. Хислатҳои писандидаи инсондӯстӣ, ҷавонмардӣ, озодипарастӣ, додгустарӣ, ростқавлӣ, ободкории Куруши Кабир натиҷаи тарбияи ӯ дар рӯҳи анъанаҳои ориёӣ ва зардуштӣ буданд.

**Дилрабо Султонова**
**донишҷӯи курси 1-ум**

# ЭЪЛОН

Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба 20-солагии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявии мақола ва рисолаи илмии беҳтаринро барои чоп дар тамоми маҷаллаҳои илмии кишвар эълон менамоянд. Барои ғолибони озмуни мазкур мукофотпулӣ ба таври зайл муайян карда шудааст:

Ҷойи якум (1 нафар) - 2000 сомонӣ

Ҷойи дуюм (2 нафар) - 2000 сомонӣ (ҳар кадом 1000 сомонӣ)

Ҷойи сеюм (3 нафар) - 1500 сомонӣ (ҳар кадом 500 сомонӣ)

Маводе, ки мутобиқи талаботи озмун омода карда шудааст, ба суроғаи дар зер омада то 30 сентябри соли 2014 бояд пешниҳод карда шаванд.

Мақола бояд дар барномаи Microsoft Word омода карда шуда, дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда шавад ва ҳаҷми он набояд аз 10 саҳифаи чопи компютерӣ камтар бошад. Маводи пешниҳодгардида бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj ва Times New Roman 14, шакли коғаз А4, фосилаи байни сатрҳо воҳидӣ, ҳошияҳо: болой - 3см, поёнӣ-2,5см, чап - 3см, рост - 2 см чоп карда шуда, саҳифаҳо рақамгузорӣ карда шаванд.

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, e-mail: ilm-dmt@mail.ru

Телефон барои маълумот: 221-30-13, 221-71-87, 907-48-32-00

Комиссияи озмун



# САРҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ҲАР ЯК ШАХС МУҚАДДАС АСТ




Конситутсия санади таърихиву муқаддаси ҳар як давлат мебошад. ҶТ Сарқонуни худро дорад, ки тамоми муносибати ҷомеаро ба танзим медарорад. Сарқонуни ҶТ пеш аз ҳама ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат медиҳад. Дар моддаи 5-и он таъкид карда шудааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ дошта, ҳаёт, қадр номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро давлат риоя ва ҳифз менамояд. Мувофиқи Конститутсия давлат ва ҷомеа бояд барои хубу беҳтар намудани аҳволи иҷтимоии одамон шароити озодонаро фароҳам оварад. Сарқонуни ҶТ бори аввал муайян намуд, ки шаҳрванди ҶТ дар хориҷа таҳти ҳимояи давлат қарор доранд ва ӯро ба давлати хориҷа супоридан мумкин нест. Инчунин дар моддаи 17 гуфта шудааст, ки ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд, хоҳ зан ва хоҳ мард. Давлат ба ҳар яки онҳо ҳуқуқу озодиҳоро кафолат додааст, ки ин яке аз асосҳои муаянкунандаи мавқеи шахс дар низоми ҳуқуқӣ мебошад. Дар заминаи моддаи 17-и Сарқонун қонуни махсус "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо" қабул гардидааст, ки барои иштироки васеи занон дар идоракунии давлат мусоидат мекунад. Сарқонун ба ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дода, аз номи давлат дахлнопазирии шахсро эълон намуд. Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбори оммаро кафолат дода, таъқиб ба танқидро манъ намудааст. Мувофиқи Сарқонун модар, кӯдак, маъюбон, кӯдакони ятимро давлат таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси худ қарор дода, ба ҳар кас ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба соҳибкорӣ, ҳуқуқ ба саломатӣ, ҳуқуқ ба интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат, истироҳат, иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ, эҷодӣ, бадеӣ, илмӣ ва техникӣ, ба моликияти зеҳнӣ, ҳимояи иҷтимоиро дод. Ҳамзамон Сарқонуни ҶТ дар бораи чунин ҳуқуқҳои васеъ шахсро водор намуд, ки Конститутсия ва қонунҳоро ҳифз намуда, ҳуқуқ озодӣ ва шаъну шарафи дигар шаҳрвандонро риоя ва эҳтиром намояд. Сарқонуни ҶТ шиноснома ва шаҳсутуни давлати тоҷикон буда, санади тақдирсоз ва таъминкунандаи сарнавишти шаҳрвандони Тоҷикистон аст. Ба мо зарур аст, ки ҳар як калима ва сатри Сарқонунро азизу муқаддас шуморем ва бо истифода аз он дар пойдории давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона, иҷтимоӣ ва соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҳиссаи худро гузорем.



**Миралиева Фарзона**
**донишҷӯи курси 2,**
**ихтисоси ИДҲ**

# ДАВЛАТ ВА СИЁСАТ АЗ НИГОҲИ ИБНИ ХАЛДУН



Падидаи давлат ва сиёсат яке аз омилҳои муҳим ба шумор рафта, дар ҳар як марҳилаи таърихӣ муттафакирон, файласуфон ва сиёсатмадорон оид ба онҳо ақидаи хешро иброз намудаанд. Дар ин росто, андешаҳои яке аз мутафаккирони бузурги Шарқ - Ибни Халдунро, ки нақши беандоза доранд, рӯи сафҳа нигоштан қадамест дар эҳёи бузургони ин сарзамин.

Дар бораи ҳаёт ва фаолияти мутафаккири бузурги Шарқ Ибни Халдун мо метавонем аз ёддоштҳои ӯ, ки бо номи "Шиносой бо Ибни Халдун ва сафарҳои ӯ ба Ғарбу Шарқ", ки онро "Тарҷумаи ҳол" ҳам меноманд, маълумот дарёфт намоем.

Айёми наврасӣ ва ҷавонии Ибни Халдун, мутобиқи ёддоштҳои ӯ, дар Тунис гузаштааст. Хусусиятҳои фарққкунандаи таълимоти Ибни Халдун дар бораи давлат ва сиёсат, ки дар рисолаи машҳури "Муқаддима" дарҷ гаштааст, иборат аз он аст, ки ӯ ба давлатдорӣ на танҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, балки аз нуқтаи назари фалсафӣ ҳам менигарист. Масалан ба материализми диалектикӣ такя карда, чунин ақида дошт, ки ҳама гуна давлат дар чаҳорчӯбаи муайяни вақт вуҷуд дошта метавонад. Ин мухлатро мутафаккир баробар ба синну соли се насл медонад. Ба таври дигар гӯем, тақрибан яксаду бист сол, ин вақте мебошад, ки се насли шахсони расмии давлатӣ ҳаёт ба сар мебаранд ва ин мухлати ҳукмронӣ ва мавҷудияти онҳо мебошад. Барои насли аввал соддагии феъл ва баробарӣ ба ҳамдигар хос аст. Барои насли дуюм бошад, ки дар шароити маданӣ, шукӯҳ ва нозпарварӣ ҳаёт ба сар мебаранд, тарсончакӣ ва мустақилона ҳимоя карда натавонистани худ хос мебошад. "Ин насл, - мегӯяд Ибни Халдун, - бинобар ҳамин ба ҳимоятгарон ва қуввавҳои ҳарбӣ ниёз дорад". Ҳангоми ҳукмронии насли дуюм, демократизм сода буда, баробарӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ якҷоя дида мешавад. Давраи ҳаёти насли сеюм бошад, давраи таназзули ҳамагуна муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва заволи давлат мегардад.

Дар ҳамин мухлат давлат панҷ давраи тараққиётро аз сар мегузаронад.

А) Ба даст овардани ҳокимияти нав ва онро бо роҳи зӯри баргардонидан ба ҳокимияти пешина.

Б) Мутамарказ шудани ҳокимияти олӣ дар дасти як нафар

В) Баъд аз он, ки ҳоким тамоми он шахсонеро, ки ба сари ҳокимият омаданду ӯро ёрӣ расонида буданд, боз онҳоро бартараф менамояд.

Г) Давраи гулгулшукуфоии давлат аст, ки дар ин давра тартибот, оромӣ ва ваҳдат ҳукмрон аст.

Ғ) Давраи гузариш ба зӯрӣ ва усулҳои нави ҳукмронӣ, давраи таназзул ва аз байн бурдани манфиатҳои давлатӣ мебошад.

Сабаби чунин табодулро ӯ дар шароити ҷомеа медонист ва давраҳоро чунин шарҳ медод:

1) Хилофати пурра, ки нишонаҳои монархия тамоман дида намешуд.

2) Гузариши мунтазам ба шакли монархия сар мешавад.

3) Табдил ёфтани давлат ба монархия дар он ҳолат мешуд, ки расман хилофат ном бурда мешуд (хилофати Аббосиён).

Моҳияти монархияи табиӣ, ба ақидаи Ибни Халдун, дар он ифода меёфт, ки ҳоким тобеонро бо ғаразҳои шахсӣ идора мекунад, яъне монархияи табиӣ режими истибдодии ҳокимияте ҳисоб мешавад, ки ғайр аз манфиатҳои субъективии ҳоким дигар ба чизе асос намеёбад. Ибни Халдун ҷиҳати мусбати ин шакли идоракуниро дар асосҳои хираду ақли шоиста ва амали неки он дида, тарафи манфии онро бошад, дар он медонист, ки сиёсати ҳокимон бо арзишҳои динӣ алоқаманд нест. Хилофат бошад, шакли беҳтарини давлатдорӣ аст, чунин ақида дошт Ибни Халдун. Мегӯяд, ки дар он ҳокимияти халифа аз болои тобеон ба асосҳои ҳуқуқӣ такя мекунад ва ба ҳифзи эътиқод ва корҳои шоиста равона шудааст.

Агар истиқлолияти монархия дар зӯрӣ ифода ёбад, истиқлолияти хилофат дар ҳуқуқи мусулмонӣ ва адолати иҷтимоӣ ифода меёбад. Адолати иҷтимоӣ он неъмате мебошад, ки ба ақидаи аксарияти мутафаккирони Шарқу Ғарб давлату давлатдорон бояд баҳри барқарор кардани он саъй намоянд. Ибни Халдун низ беадолатиро дар ҷомеа сабаби ноустувории ҷомеа ва барҳамхӯрии давлат донис та, ҷомеаи адолатпарварро ҷомеаи идеалӣ меномад. Қабули қонунҳое аз рӯи адолат ва принсипи манфиати умум дастгирӣ намуда, ҳокимонро барои бартараф кардани нобаробариҳои иҷтимоӣ даъват мекард.

Мехоҳам хотирнишон намоям, ки таълимоти мазкур донишу малакаи моро оид ба масалаҳои давлатдорӣ ва сиёсат пешгирифтаи он васеъ намуда, имкон медиҳад, ки ҷиҳати мусбату манфии замони имрӯзаро дарк намоем. Барои ҳамин ҳам омӯзиши назарияҳои мутафаккирони бузург дар ҷодаи давлату сиёсат, аз ҷумла Ибни Халдун айни муддаост.



**Шарифов Манучеҳр**
***донишҷӯи соли чорум***

Муассис: факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

и.в. сармуҳаррир:
**Ҷаҳонгир Саъдизода**
jahon_1967@mail.ru

Тарроҳ:
Ҳамидулло АЗИЗОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Насурдинов Э. С. дотсент, декани факултети ҳуқукшиносӣ;

Сафаров Б.А. дотсент, муовини ректор оид ба илм;

Қурбонов Қ.Б. муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;

Камолов И. И. дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;

Сулаймонов Ф. С. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ;

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

Саидов Н. С. Вазири маориф ва илми ҶТ, профессор;

Давлатов Ҷ. М. ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ;

Имомов М. С. ректори ДМТ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ;

Тоҳиров Ф. Т. профессор, академики АИ ҶТ,

Маҳмудзода М. А. профессор, академики АИ ҶТ, раиси Суди Конститутсионии ҶТ;

Раҳимов М.З. директори маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, профессор

Диноршоев М. профессор, академики АИ ҶТ.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст. Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 918-56- 07- 07. Теъдод: 1000